«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
_____ Мирализода А.М.
«30» майи соли 2022

ХУЛОСАИ
ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ТОҶИК ВА ЖУРНАЛИСТИКАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Диссертатсияи Сафарзода Манучеҳри Начот дар мавзуи **«Телевизион – омили ҳамгироии ҷамъиятӣ-сиёсӣ (дар мисоли телевизионҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) дар кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шудааст.

Сафарзода Манучеҳри Начот соли 2000-ум факултети журналистика ва тарҷумонии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро аз рӯйи ихтисоси «журналистика» хатм карда, солҳои 2013-2015 дар шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳсил намудааст. Вай баъди хатми магистратура соли 2015 таҳсилро дар зинаи докторантураи (PhD) идома дода, соли 2018 онро хатм кардааст. Сафарзода Манучеҳри Начот аз соли 2009 ба ҳайси ассистенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика, ҷонишини декан оид ба таълими факултети филологияи тоҷик ва журналистика, мутахассис ва муовини сардори раёсати таълим, декани факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, сармутахассиси раёсати илм ва инноватсия,

сармуҳаррири «Радиои Кӯлоб», сардори Маркази бақайдгирӣ ва иттилоотии низоми таҳсилоти кредитии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият кардааст.

Ӯ айни замон, ба ҳайси муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва муаллими калони кафедраи журналистикаи ҳамин донишгоҳ фаъолият дорад.

Роҳбари илмӣ – **Гулов Сангин Нурович**, номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи журналистика аз 18.10.2015, суратҷаласаи № 3 ва дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар таърихи 27.10.2015, суратҷаласаи № 3 тасдиқ шудааст.

Мухтавои асосии диссертатсия дар 9 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

Диссертатсияи Сафарзода Манучеҳри Наҷот дар мавзуи «Телевизион – омили ҳамгироии ҷамъиятӣ-сиёсӣ (дар мисоли телевизионҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар ҷаласаи кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 22-юми феврали соли 2022, суратҷаласаи № 2 баррасӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо иштироки муқарризони холис – номзади илми филология, дотсент Шоҳиён М.Э. ва номзади илми филология, дотсент Худойдодова Ш.З. муҳокима гардид. Аз маърӯзаи унвонҷӯ, суолу ҷавоб, баромади муқарризони холис ва муҳокимаи диссертатсия

чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Диссертатсияи Сафарзода Манучеҳри Наҷот ба омӯзиши яке аз **масъалаҳои муҳимми** замони муосир бахшида шуда, дар он паҳлуҳои гуногуни кӯшиши омӯзиши телевизион ҳамчун омили интегратсияи ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва вижагиҳои жанри журналистикаи телевизионӣ дар мисоли муассисаҳои телевизионии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили объективии маводҳои журналистика, барномаҳои муайяни телевизионӣ, қабулкунандаи вижагиҳои махсуси жанрӣ, ки метавонанд ба рушди дарки назарӣ ва амалии ҳалли мушкилоти **аҳамиятноки** рушди телевизиони тоҷик мусоидат намояд, мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Мақсади аслии таҳқиқи диссертатсионӣ ва вазифаи аввалиндараҷаи муаллифи он омӯзиши хусусиятҳои жанрӣ ва сохтории барномаҳои телевизионҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон- ҳамчун омили ҳамгироии иҷтимоӣ-сиёсӣ ва омӯзиши стратегияҳои интиқоли иттилоот, ки метавонанд ба равандҳои ҳамгироии сиёсии ҷомеа таъсирбахш бошанд, аз ҷумлаи масоили муҳим маҳсуб ёфта, барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст:

- пешниҳоди маълумоти мухтасари илмӣ оид ба таърихи телевизиони давлатӣ ва ғайридавлатии минтақавӣ дар Тоҷикистон;
- муайян кардани мавқеи телевизионҳо дар фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян кардани функсияҳои ташаккули барномаҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ дар шабакаи телевизионӣ;
- асоснок кардани талабот ба пайдоиши муассисаҳои телевизиони маҳаллӣ ва муайян намудани фарқияти онҳо бо телевизиони марказӣ;
- таҳияи тавсияҳои илмӣ оид ба истифодаи мақсадноки жанрҳои телевизионӣ.

Муаллиф ба ҳимоя **нуктаҳои асосӣ** ва меҳвариеро пешниҳод намудааст, ки воқеан, дар илми журналистика арзиш ва аҳамияти зиёд доранд.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир меёбад, ки диссертатсияи мавриди назар аввалин пажуҳиши мукаммал ва бонизом дар шинохти мухтассот ва вижагиҳои жанрӣ ва сохтории барномаҳои телевизионҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили ҳамгироии иҷтимоӣ-сиёсӣ ва омӯзиши стратегияҳои интиқоли иттилоот мебошад.

Таҳқиқи диссертатсионии мазкур аз ҷиҳати масъалагузориҳо, мавзуи интихобшуда, метод ва равишҳои таҳқиқ ва натиҷагириҳо аҳамияти махсуси илмӣ дорад.

Баррасии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулоса ва тавсияҳо, таҳлилу нақди маводи таҳқиқӣ, муҳокимаю далелсанҷиҳо, асосноккунии назария ва андешаҳои баёншуда аз **саҳми шахсии довталаб** дар таҳқиқ гувоҳӣ медиҳанд.

Арзиши назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқро метавонанд рӯзноманигорони телевизион, хусусан, телевизиони минтақавӣ, дар таҷриба ва амалияи ҳамарӯза, омӯзгорон ҳангоми таҳияи барномаҳои нави таълимӣ дар факултети журналистика, ҳангоми хондани курсҳои махсус оид ба мавзуи баррасишаванда, донишҷӯёну магистрантон зимни навиштани корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатму магистрӣ ба таври васеъ истифода баранд.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодгардида ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мувофиқ мебошад.

Диссертатсия дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таълиф шуда, дар асоси ин нақша марҳила ба марҳила иҷро гардидааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Хулоса, Шурои олимони факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кори диссертатсионии Сафарзода Манучеҳри Нақотро кори илмӣ-таҳқиқии муҳим ва арзишманд меҳисобад. Диссертатсия ва автореферати Сафарзода Манучеҳри Нақот дар мавзуи «Телевизион – омили ҳамгироии ҷамъиятӣ-сиёсӣ (дар мисоли телевизионҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат дошта, шурои олимон дар асоси тақризҳои мусбат ва баромади муқарризони холис – номзади илми филология, дотсент Шоҳиён Маҳмуд Эргаш ва номзади илми филология, дотсент Худойдодова Шарофат Зардовна онро барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қабул гардид.

Иштирок доштанд: 11 нафар аъзои Шурои олимон.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 11 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 10-3/4, аз 26.05.2022.

Раиси шурои олимон,
номзади илми филология,
дотсент — Абдусамадзода Э.А.

Муқарризони холис:
номзади илми филология, дотсенти
кафедраи телевизион ва радиошунавонии

факултети журналистикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Шоҳиён М.Э.

номзади илми филология, дотсенти
кафедраи журналистикаи Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Худойдодова Ш.З.

Котиби илмии шуро,
номзади илми филология, саромӯзгор — Исмоилова Ф.Қ.

Имзоҳои Э.А. Абдусамадзода, Ш.З. Худойдодова ва Ф.Қ. Исмоиловаро **тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.
«27» майи соли 2022.

Суроғa: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров, 16.
Телефон: (+992-33-22) 2-35-06.
E-mail: kgu.tj

Имзои М.Э. Шоҳиёнро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Тавқиев Э.Ш.

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«27» майи соли 2022